# СУРАТМАҶЛИСИ №18

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6Д.КОА-076

**22 апрели соли 2026 ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.07.2024, №222/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар ҳузур доранд. Аз ҷумла, як нафар аъзои шурои диссертатсионӣ -Умарахунов Иркин Мирзахидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Муассисаи таҳсилоти олии ғайридавлатии «Институти такмили ихтисоси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон» (шаҳри Тошкент) дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ тавассути видеоконфронс иштирок менамоянд. Пешниҳод ҳаст, ки ҷаласаи шуро кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Бо як овоз қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ.

**Баромад карданд**: раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Нематов А.Р., инчунин номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Д.К. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

Одиназода Р.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ”;

Бобокалон Ғ.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон дар бораи ҳимояи дарпешистода дар сомонаҳои Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашри автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис рухсат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 2 июли соли 2026, соати 10:00 таъин карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор- 9 нафар; бетараф, зид – нест. Қарор якдилона қабул гардид.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Раҷабов С.А.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.ҳ.** **Маҳмадуллозода Н.Р.**